«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Муовини вазири молияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯро
_________ П. Баҳромзода

Протоколи №1
Ҷаласаи Шӯрои Ташаббуси шаффафият дар соҳаҳои
истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 26 июни соли 2024 шаҳри Душанбе

Раискунанда, Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффафият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ТШСИ) - Баҳромзода П. Б.

Дар ҷаласа ҳайати Шӯрои Ташаббуси шаффафият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - Шӯро), намояндагони вазоратҳои молия, рушди иқтисод ва савдо, адлия, энергетика ва захираҳои об, саноат ва технологияҳои нав, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Саридораи геология, кормандони Котиботи ТШСИ, корхонаҳои соҳаи истихроҷ, ташкилоти ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар шахсони масъули даъватшуда иштирок доштанд.

**Кворум ҳаст.**

Рӯзномаи ҷаласа:

1. Баррасӣ ва татбиқи нақшаи кории ТШСИ барои солҳои 2024-2025.
2. Ҳисоботи такмилдодашудаи ТШСИ барои солҳои 2019-2021 бо дарназардошти тағйиру иловаҳо.
3. Тасдиқи 3 шаблон.
4. Нақшаи чорабиниҳои ислоҳӣ оид ба татбиқи чораҳои ислоҳӣ, ки аз ҷониби Шӯрои Байналмилалии ТШСИ муайян шудааст ва чораҳои ислоҳӣ, ки аз ҷониби Котиботи Байналмилалии ТШСИ тавсия шудааст, дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии дуюм барои таҳияи ҳисоботи чоруми миллӣ оид ба ТШСИ барои солҳои 2019-2021.
5. Масъалаҳои ҷорӣ.

Ҷаласаро Муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Шӯрои Ташаббуси шаффофият дар соҳаои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон Баҳромзода П. Б. (минбаъд – Раиси Шӯро) оғоз намуда, ҳозиринро бо масъалаҳои баррасишавандаи рӯзномаи ҷаласа шинос намуд.

Раиси Шӯро қайд намуданд, ки бо мақсади татбиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №449 "Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ташаббуси шаффофият дар соҳаҳои истихроҷ" Шӯрои Ташаббуси шафоффият дар соҳаҳои истихроҷи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаласаҳои худро мунтазам баргузор намуда ҷиҳати тадбиқи ташабус чораандеши карда мешаванд.

Сипас и.в. Координатори миллии ТШСИ Тоҷикистон Мирзоев Диловар ҳайати Шӯроро хайрумақдам гуфта, ба аъзоён хабар дод, ки Раиси Шӯрои ТШСИ Баҳромзода Парвина муовини вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин гардидааст.

Қайд намуд, ки 1 июли соли 2024 дар Тоҷикистон аз ҷониби Котиботи байналмилалии ТШСИ баҳодиҳии ҳисоботи чоруми ТШСИ Тоҷикистон баргузор мегардад. Қобили зикр аст, ки баҳогузории мусбӣ ҳангоми санҷиш ба таҳкими минбаъдаи мавқеи кишвар дар сатҳи байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Сипас, сухан ба коршиноси ТШСИ Негматов Ҷаҳонгир дода шуд, ки натиҷаи корҳои анҷомдодашуда дар доираи омода намудани ҳисоботи чоруми ТШСИ ва вобаста ба раванди баҳодиҳии ҳисобот рӯнамо пешниҳод намояд.

Зимни муаррифии рӯнамо, Негматов Ҷ. қайд намуд, ки ба аъзои Шӯрои ТШСИ тамоми маълумоти зарурӣ оид ба рӯзномаи ҷаласаи имрӯзаи Шӯро ирсол гардид, вале зарур аст, ки ба баъзе нуктаҳо диққат ҷалб намуда, онҳоро васеътар баррасӣ намуд.

Пеш аз баррасии Нақшаи кории ТШСИ барои солҳои 2024-2025, ӯ дар бораи тасдиқи баҳодиҳии дарпешистода муфассалтар суханронӣ намуд. Тавре маълум аст, баҳодиҳӣ маънои арзёбии пешрафт дар татбиқи як ё якчанд ҷузъҳои Стандарти ТШСИ мебошад. Баҳодиҳии аввал дар Тоҷикистон соли 2016 баргузор шуда, аз 35 талабот Тоҷикистон тавонист танҳо 17 талаботро иҷро намояд, баҳодиҳии дуюм дар соли 2018 ва аз 17 талаботе, ки мо бояд дар натиҷаи санҷиши аввал иҷро мекардем, 15 талабро иҷро намудем. Баҳодиҳии дарпешистода, ки 1 июли соли 2024 оғоз мешавад, сеюмин баҳодишӣ мебошад.

Таъкид гардид, ки баҳодиҳии сеюм ба таври маҷозӣ баргузор гардида ва аз се ҷузъ иборат аст:

1) ҷалби ҷонибҳои манфиатдор (талаботи 1.1-1.4);
2) шаффофият (талаботи 2-6);
3) натиҷаҳо ва таъсир (талаботи 1.5 ва 7).

Қайд карда шуд, ки ин ҷузъҳо аз ҷониби Шӯрои ТШСИ моҳи декабри соли 2020 тасдиқ карда шудааст.

Дар идома қайд гардид, ки ба аъзоёни Шӯро қаблан тавассути почтаи электронӣ се шаблон вобаста ба стандартҳои ТШС ирсол гардидааст, ки бояд аз ҷониби аъзоёни шуро ин шаблонҳо то санаи 1 июли соли 2024 пур намоянд. Ва ин шаблонҳо дар навбати худ аз ҷониби Котиботи байналмиллалӣ бо ҷалби мушовири мустақил ва ҷалби ҷомеаи шаҳрвандӣ мувофиқи талаботи 1.3 – баҳодиҳӣ мегардад.

Негматов Ҷ. дар бораи раванди ҷорӣ намудани валидатсия ва марҳилаҳои он муфассал маълумот дод.

Дар ҷаласаи Шӯро Нақшаи кории Шӯрои ТШСИ барои солҳои 2024-2025 муаррифӣ карда шуд, ки ба аъзои Шӯро ирсол гарда буд ва аз баъзе аъзои Шӯро ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таклифу пешниҳодҳо гирифта шуда, нақшаи корӣ мутобиқи онҳо тавзеҳ дода шуд.

Зимнан зикр гардид, ки дар нақшаи корӣ афзалиятҳои миллии кишвар дар самти ҷалби сармояи босифат ба назар гирифта шудааст. Дар маҷмӯъ, нақшаи корӣ аз 24 чорабинӣ иборат аст (19 чорабинии қаблӣ). Маблағгузории ин чорабиниҳо бо дастгирии Бонки ҷаҳонӣ сурат мегирад.

Дар бораи ҳар як чорабиние, ки бояд солҳои 2024 ва 2025 амалӣ шаванд, муфассалтар маълумот манзур гардид. Аз ҷумла таъсиси системаи ягонаи маҳзани электронии ширкатҳо барои ҳисоботдиҳии ТШСИ дар асоси таҷрибаи Арманистон, ворид намудани таҳлил ва арзёбии гузариши энергия дар бахши истихроҷ мутобиқи стандарти нави ТШСИ 2023 ва коркарди ҳисоботи панҷуми ТШСИ барои солҳои 2022-2023, ки моҳи сентябри соли 2024 оғоз мегардад.

Оид ба масъалаҳои дуюм ва сеюми рӯзномаи ҷаласа коршиноси ТШСИ-и Тоҷикистон Негматов Ҷахонгир ба аъзои Шӯро гузориши чоруми ислоҳшудаи Тоҷикистонро оид ба ТШСИ барои солҳои 2019-2021 бо дарназардошти тағйироти аз ҷониби гурӯҳи коршиносон дар асоси тавсияҳои котиботи байналмилалӣ воридшударо пешниҳод намуд. Қайд гардид, ки ҳисобот низ ҳангоми валидатсия баҳо дода мешавад. Қабл аз ҷаласа гузориши ислоҳшуда барои омӯзиш ба аъзои Шӯро фиристода шуд. Нуктаи муҳим ин аст, ки ҳама замимаҳои ҳисобот бояд пур карда шаванд, то ин, ки Тоҷикистон бомуваффақият аз баҳодиҳӣ гузарад.

Оид ба масъалаи чоруми рӯзномаи ҷаласа коршиноси ТШСИ Тоҷикистон Негматов Ҷахонгир қайд кард, ки қабл аз баргузории ҷаласа ба ҳамаи аъзои Шӯро Нақшаи чорабиниҳои ислоҳшуда оид ба татбиқи чораҳои ислоҳии аз ҷониби Шӯрои байналмилалии ТШСИ муайяншуда ва чораҳои ислоҳие, ки аз ҷониби Котиботи Байналмилалии ТШСИ тавсия шудааст, оиди тасдиқи баҳодиҳии дуюм барои таҳияи ҳисоботи чоруми миллӣ оид ба ТШСИ барои солҳои 2019-2021ирсол карда шудааст. Онҳо бо он шинос шуданд.

Ҳамчунин, ҷиҳати шомил намудан ба аъзои Шӯрои ТШСИ як номзад – намояндаи ширкати ҶСК “Нафту Газ”, ки қаблан узви Шӯро буд, пешниҳод карда шуд.

Дар раванди баррасии ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа ҳамаи аъзоёни Шӯро фаъолона баромад намуда, нисбат ба масъалаҳои матраҳшаванда фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои худро қайд карданд.

Овоздиҳӣ аз рӯи ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа:

- **«тарафдор» - ҳа**
- «зид» - не
- «бетараф» - не

Дар натиҷаи баррасии масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа Шӯро қарорҳои зеринро қабул кард:

1. Нақшаи кории Шӯрои ТШСИ барои солҳои 2024-2025 тасдиқ карда шавад.

2. Барои сари вақт иҷро намудани нақшаи корӣ аз ҷониби ҳар як аъзои Шӯрои ТШСИ чораҳои зарурӣ андешида шавад.

3. Ҳисоботи ислоҳшудаи ТШСИ-и Тоҷикистонро қабул карда шавад.

4. Замимаи «Феҳристи иҷозатномаҳо», ки ба ҳисобот дохил карда шудааст, аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон то 30 июни соли 2024 бо назардошти санаи пешниҳоди аризаҳо барои банди 5.7 реестр тасдиқ карда шавад.

5. Се шаблони ҷамъоварии маълумотҳо тасдиқ карда шавад.

6. Татбиқ намудани талаботи 4.2 (даромад дар шакли натуралӣ), 4.3 (инфрасохтор ва муомилоти бартерӣ), 4.4 (даромад аз ҳамлунақл), 4.6 (пардохтҳои мустақими субвенсионӣ) ва 5.2 (интиқоли маблағҳои мустақими субвенсионӣ) Стандарти ТШСИ ба Ҳисоботи ТШСИ барои солҳои 2019-2021 тасдиқ карда шавад.

7. Барои амалӣ гардидани нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи тадбирҳои ислоҳӣ чораҳо андешида шавад.

8. Номзадии Зарина Эргашева ба вазифаи мушовири Бонки Ҷаҳонӣ оид ба масъалаи муоширӣ ва робита бо ҷомеа тасдиқ карда шавад.

Котиби ҷаласаи Шӯро,
Сардори шӯъбаи сарраёсати
сиёсати буҷетӣ дар соҳаҳои
воқеии иқтисодиёти Вазорати
молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон,
и.в. Координатори миллии ТШСИ
дар Тоҷикистон Д. Мирзоев